**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти точик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))**

Таълими дуруст ва босамари адабиёти тоҷик дар пояи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва методикаи таълими каломи бадеъ яке аз масъалаҳои умдаи таълиму тарбия ба шумор рафта, барои рушду камолоти маънавии хонандагон, алалхусус барои ташаккули салоҳиятҳои худшиносӣ, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, ифтихороти миллӣ, зебоипарастӣ, суханварӣ ва монанди инҳо мусоидат менамояд. Адабиёт, ки фанни инсонсоз аст, барои тарбияи насли наврасу ҷавон ва баланд бардоштани дараҷаи маърифатнокии онҳо талаботи замон буда, аз коршиносон равишҳои тозаи таълимро тақозо менамояд.

Рисолаи илмии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна- “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” - аз нуқтаи назари талабот ба муносибати босалоҳият ба таълим хеле умда буда, дар он таҳқиқу татбиқи асосҳои назариявию амалӣ ва методии низоми нави таълиму тарбия ва корбурди технологияи фаъоли таълим дар мисоли омӯзиши каломи манзум тавассути фанни адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи таҳқиқот кӯшиш ба харҷ додаст, ки нақши технологияи муосири таълим дар ташаккул ва такомули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон дар раванди омӯзиши каломи манзумро дар асоси методикаи технологияи муосири педагогӣ муайян намуда, ҷанбаҳои тарбиявию ахлоқии матнҳои манзуми адабиро (дар мисоли рубоӣ, ғазал, достон ва ғайра) ошкор намояд. Аз тарафи муаллиф бори аввал методикаи таълими каломи манзум тариқи усулҳои таълими ашъори лирикӣ ва асарҳои назмии ҳамосии тоҷикӣ-форсӣ дар шароити низоми салоҳиятнокӣ ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, мавриди озмоиш қарор гирифта, натиҷагирӣ гардидааст, ки ин хеле ҷолиб буда, навгонии илмии таҳқиқотро нишон медиҳад.

Асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқоти мазкурро назарияи

педагогика, усулҳои фаъоли таълими ба муносибати босалоҳият нигаронидашуда ташкил додаанд.

Рисолаи мазкур аз се боб ва ҳашт зербоб иборат буда, дар анҷоми ҳар боб натиҷаҳои озмоишу пажуҳиши амалӣ ҷамъбаст гардидааст. Дар хулоса диссертант масъалаҳои ба миёнгузошташударо натиҷагирӣ намуда, роҷеъ ба муҳиммияти ҳар қисмати он андешаву назари худро иброз дошта, хулосаи мантиқӣ баровардааст. Тавсияҳое, ки аз тарафи муаллиф пешниҳод гардидаанд, барои кулли омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои педагогӣ, факултаҳои филологии донишкадаву донишгоҳҳо зимни таълими адабиёт хеле муфид буда, кумаки амалӣ расонида метавонанд.

Автореферат ба талабот пурра ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос намудааст.

Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки кори илмии мазкур аз камбудиҳо орӣ набуда, зимни таҳияи кор ба баъзе хатоҳои имлоӣ техникӣ ва услубӣ роҳ дода шудааст, ки ислоҳ кардани онҳо зарур ва бар манфиати кор хоҳад буд.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае метавон омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна “**Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) сазовор мебошад.

Муқарриз: н.и.п., дотсенти кафедраи
забон ва адабиёти руси МДТ
“Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав” Рустамзода Мукаддас Рустам

Имзои Рустамзода М.Р. -ро тасдиқ мекунам,
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав” Исозода Тоҷиддин Исо

28.11.2024.